Бо қарори мушоварai
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.07.2012, №12/23
тасдиқ шудааст.

# Дастурамали вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Душанбе -2012**

## Мундарича:

Дастурамали вазифавии ҷонишини директор оид ба корҳои таълими истеҳсолӣ…………………………………………………………………… 3- 6
Дастурамали вазифавии ҷонишини директор оид ба корҳои таълими муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ.................................................... 6-7
Дастурамали вазифавии ҷонишини директор оид ба корҳои маданӣ-маишӣ………………………………………………………………………. 7-9
Дастурамали вазифавии ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагӣ…… 9-11
Дастурамали вазифавии мудири шӯъбаи рӯзона……………………… ….. 11-12
Дастурамали вазифавии мудири шӯъбаи ғоибона………………………… 12-14
Дастурамали вазифавии сармуҳосиб ……………………………………... 14
Дастурамали вазифавии омӯзгорон…… ……………………………………… 14-16
Дастурамали вазифавии мудири китобхона……………………………... 16-17
Дастурамали вазифавии (нозир) шӯъбаи кадрҳо……………….................... 17-18
Дастурамали вазифавии методист……………………………………........ 18-20
Дастурамали вазифавии сарусто…………………………………………….. 20-21
Дастурамали вазифавии устои таълими истеҳсолӣ……………………….. 21-24
Дастурамали вазифавии ҳуқуқшинос……………................................... 24
Дастурамали вазифавии мудири анбор……………………………………… 24
Дастурамали вазифавии коменданти хобгоҳ…..……………………......... 24-25

## Дастурамали
## вазифавии директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

**Қоидаҳои умумӣ:**

Директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бояд дорои таҳсилоти олии касбӣ, собиқаи кории на кам аз 5 - солаи омӯзгорӣ дошта бошад ва ё дар вазифаҳои роҳбарӣ на кам аз 5 сол фаъолият карда бошад.

Директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо фармоиши Вазири маориф ба кор таъйин ва ё аз кор озод карда мешавад ва бевосита ба Вазорати маориф ва муовини Вазир, ки соҳаро назорат менамояд, итоат мекунад. Директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар фаъолияти худ

- Сарқонун (Конститутсия)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;
- дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф;
-Оинномаи муассисаи таълимӣ;
-қоида ва тартиби кории дохилитаълимгоҳӣ;
-фармон ва дастурҳои Вазири маориф
- қоидаҳои ҳифзи меҳнат, тозагӣ ва зиддисӯхтор.
- дастури мазкурро

ба роҳбарӣ мегирад.

6. Директори муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бояд:

-самтҳои рушди системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдароварандаи раванди таълим ва фаъолияти варзишӣ-солимгардонӣ;

-Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак;

-дастовардҳои соҳаи педагогика, педагогӣ-равоншиносӣ, илмӣ ва таҷрибавии замонавӣ;

-равоншиносӣ;

-асосҳои физиолигия ва гигена;

-назария ва методҳои идораи соҳаи таҳсилот;

-методҳои ташаккулёбии маҳорати касбӣ;

-технологияҳои замонавии таълимӣ-педагогӣ;

-методҳои роҳбарӣ ва асосноки мавқеи худ, муқаррар намудани равобит бо хонандагон (тарбиягирандагон, кӯдакон)-и синну соли гуногун, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва ҳамкорон;

-асосҳои кор бо маводи чопӣ, таблитсаҳо, почтаи электронӣ ва васоити мултимедӣ;

- асосҳои иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ;

-усули ташкилии фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории муассисаи таълимӣ;

-қонунгузорӣ дар соҳаҳои шаҳрвандӣ, роҳбарӣ, меҳнатӣ, буҷавӣ ва андоз, ки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва сатҳҳои гуногуни мақомоти идораи маорифро ба танзим медароранд;

-асосҳои менеҷмент ва идораи кормандон;

-асосҳои идораи лоиҳаҳо;

-қоидаҳои меҳнатии дохилии муассисаи таълимӣ;

-қоидаҳои зидди сӯхтор ва дигар талаботҳоеро, ки ба фаъолияти директории ӯ вобастагӣ доранд, донад.

Дар вақти набудани директори муассисаи таълимӣ вазифаҳои ӯро ҷонишин ба ӯҳда мегирад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-дар асоси қонунгузории ҷорӣ ва асноди меъёрии ҳуқуқӣ роҳбарии муассисаи таълимиро амалӣ мегардонад;

-раванди таълим (тарбия) ва роҳбарию хоҷагӣ (итсеҳсолӣ)-и муассисаи таълимиро таъмин менамояд;

-рафти иҷрои Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбиро таъмин менамояд. Дар раванди таълим ҳаёт, саломатӣ, ва озодии хонадагон ва кормандони муассисаи таълимиро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз менамояд;

- амалишавии нақша ва барномаҳои таълимиро таъмин менамояд;

-стратегия, мақсад ва вазифаҳои муассисаи таълимиро муайян мекунад, оид ба нақшаҳои барномавӣ, иштироки муассисаи таълимӣ дар барнома ва лоиҳаҳои гуногун қарор қабул мекунад, назорати талаботи муқаррааргардидаро оид ба шароити раванди таълим, барномаҳои таълимӣ, натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ, мунтазам баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаи таълимӣ таъмин менамояд;

-шаффофияти арзёбии сифати таълимро дар муассисаи таълимӣ таъмин менамояд;

-дар якҷоягӣ бо Шӯрои муассисаи таълимӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ Барномаи рушди муассисаи таълимиро таҳия ва тасдиқ намуда, барнома ва нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимии курсҳо, фанҳо, ҷадвали солонаи тақвимию таълимӣ, оиннома ва қоидаҳои меҳнатии дохилии муассисаи таълимиро амалӣ менамояд;

-барои аз худ кардани инноватсия, ташаккул ва амалигардонии ташаббуси кормандони муассисаи таълимӣ, ки барои беҳ намудани кори муассиса ва баланд бардоштани сифати таълим равона карда шудаанд, шароит муҳайё мекунад;

-дар доираи салоҳияти худ маблағҳои буҷавиро идора карда, самарабахшӣ ва таъсирнокии онҳоро таъмин менамояд;

- дар доираи маблағҳои пешбинишуда фонди музди меҳнатро таъсис медиҳад;

- сохтор ва воҳидҳои кории муассисаи таълимиро тасдиқ мекунад;

- масъалаҳои кадрӣ маъмурӣ, молиявӣ хоҷагидорӣ ва амсоли инҳоро дар асоси Оинномаи муассисаи таълимӣ ҳаллу фасл менамояд;

- интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро ба роҳ мемонад;

- барои мунтазам аз такмили ихтисос гузаронидани кормандон шароит муҳайё мекунад;

- низоми пардохти пурраи маоши кормандони муассисаи таълмимиро тибқи мӯҳлатҳои дар шартномаҳои коллективӣ, қоидаҳои тартиби

меҳнатии дохилӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ муқарраргардида таъмин менамояд;

- барои таъмини бехатарӣ ва шароити меҳнат тибқи талаботи ҳифзи меҳнат чораҳо меандешад;

- барои таъмини муассисаи таълимӣ бо кадрҳои баландихтисос, истифодаи мақсаднок ва инкишофи дониши тахассусӣ ва таҷрибаи онҳо чораҳо андешида, захираи кадриро бо мақсади ивази ҷойҳои корӣ таъмин менамояд;

- барои рӯҳбаландӣ, расонидани кӯмаки моддӣ ба кормандон, кори босифат, баланд бардоштани мақоми меҳнат дар муассисаи таълимӣ, фаъолияти идораи муассисаи таълимӣ ва мустаҳкам намудани интизоми меҳнат чораҳо меандешад;

- барои иштироки кормандон дар идораи муассисаи таълимӣ шароит муҳайё менамояд;

- санадҳои меъёрии ҳудуди муассисаи таълимиро, ки меъёрҳои қоидаҳои меҳнатӣ, аз он ҷумла масъалаи таъмини музди меҳнатро бо назардошти ақидаи намояндагии ташкилоти кормандон дар бар мегиранд, қабул мекунад;

- фаъолияти сохторҳои соҳавӣ, омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи таълимиро ба нақша гирифта, аз болои онҳо назорат мебарад;

- муносибат ва ҳамкории босифатро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораи маҳаллӣ, корхона ва ташкилотҳо, ҷомеа, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва шаҳрвандон таъмин менамояд;

- муассисаи таълимиро дар ташкилотҳои давлатӣ, маҳаллӣ ва ҷамъиятӣ, дигар муассиса ва ташкилотҳо муаррифӣ менамояд;

- барои фаъолияти ташкилотҳои омӯзгорӣ (педагогӣ)-ю, равоншиносӣ ва иттиҳодияҳои методӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ташкилоти ҷавонон мусоидат менамояд;

- баҳисобгирӣ, амният ва ғанӣ гардонидани заминаи таълимию модии муассисаи таълимӣ, риояи қоидаҳои санитарӣ - гигении реҷаи меҳнат, баҳисобгирӣ ва ҳифзи ҳуҷҷатҳои оинномавӣ ва сарчашмаҳои иловагии маблағгузориро таъмин менамояд;

- ҳисоботи ҳарсоларо оид ба даромад ва хароҷоти маблағҳо ва умуман оид ба фаъолияти муассисаи таълимӣ ба Вазорати маориф пешниҳод менамояд;

- қоидаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва зидди сӯхторро иҷро мекунад.

## Ҳуқуқ дорад:

- Аз кормандони муассисаи таълимӣ иҷрои тамоми супоришҳои худро талаб намояд;

- барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ мусоидати Вазорати маорифро гирад;

- бо лоиҳаҳои қарорҳои Вазорати маориф, ки ба муассисаи таълимӣ дахл доранд, шинос шавад;

- ба Вазорати маориф оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти худ пешниҳод манзур созад;

- иттилооти ногузирро барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ гирад.

**Ҷавобгар аст:**

- Барои иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавии худ, ки дар дастурамали вазифавӣ нишон дода шудаанд ва дигар уҳдадориҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда;
- барои қонунвайронкунӣ дар раванди фаъолияти худ дар доираи қонунгузории маъмурӣ, ҷиноятӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои расонидани зарари моддӣ дар доираи қонунгузории меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгар аст.

## Дастурамали вазифавии ҷонишинони директор оид ба корҳои таълими муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

Ба вазифаи ҷонишини директор оид ба таълим шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ буда, собиқаи кории на камтар аз 5 сол дошта бошад.

Ҷонишини директор оид ба таълим ташкилотчии бевоситаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои методию баландбардории такмили ихтисоси омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Тахти роҳбарии вай омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, раисони комиссияҳои фаннӣ, лаборантҳо ва коркунони қисми таълим фаъолият мекунанд.

Ҷонишини директор оид ба таълим бевосита дар назди директор ҳисоботдиҳанда мебошад.

### Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Раванди таълим ва фаъолияти иттиҳодияҳои методиро дар муассиса ба танзим медарорад;

-иҷрои нақша ва барномаҳои таълимиро таъмин намуда, ба дарси ҳамдигар иштирок кардани омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолиро ташкил ва назорат мекунад.

-гузаронидани машғулиятҳои таълимиро ба нақша медарорад ва ҷадвали онҳоро тартиб медиҳад;

-нақшаи такмили ихтисоси омӯзгоронро таҳия менамояд;

-таҷрибаи пешқадами кори онҳоро ҷамъбаст ва паҳн менамояд;

-дар ҷаласаҳои назоратии муассисаи таълимӣ иштирок мекунад;

-талаботи истеҳсолотро оид ба мутахассисон омӯхта, нақшаи дурнамои онҳоро оид ба қабулу хатм тартиб медиҳад;

-ҳисоботро оид ба корҳои таълимӣ– методӣ омода месозад;

-маводро оид ба корҳои таълимӣ-методӣ барои муҳокима ба Шӯрои методӣ ва ташкилотҳои болоӣ тайёр мекунад;

-ҷиҳати ба хонандагон додани идрорпулӣ пешниҳод манзур месозад;

- муассисаро бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ ва методӣ таъмин мекунад;

-ҳисоботи солонаи муассисаро омода месозад;

-ҳисоботи 2-НК-ро омода намуда, ба мақомоти болоӣ пешниҳод мекунад;

-ба кори семинари роҳбарони гурӯҳҳо роҳбарӣ мекунад;

-кори кабинети методиро ташкил ва назорат мекунад;

-мувофиқи тарификатсия сарбории омӯзгоронро омода ва иҷрои онро ба нақша гирифта, назорат мекунад;

-барои фаъолияти мукаммали кабинету озмоишгоҳҳо, устохонаҳои таълимӣ ва лабораторияҳо, таъмини онҳо бо таҷҳизоту маводи зарурӣ дасрхост пешниҳод менамояд;

- фаъолияти шӯъбаҳои ғоибона ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргариро назорат мекунад;

**Ҳуқуқ дорад:**

-ба директор дар бораи ҷобаҷогузории кадрҳои омӯзгорӣ, устоҳои таълими истеҳсолӣ, мураббиён, дар бораи сарбории кормандон, истифодаи иншоотҳои таълимӣ, таҷҳизот, мукофотонидани хонандагону кормандон ва истифодаи чораҳои интизомӣ таклифҳо пешниҳод намояд;

-аз болои кори ҳамаи шахсони ба ӯ тобеъ назорат кунад ва аз онҳо иҷрои бевоситаи корҳои супоридашударо талаб намояд;

-нақшаҳои тақвимии кори комиссияи фаннӣ, мафҳилҳои фанниро баррасӣ намуда, тасдиқ кунад;

-ба директор оид ба такмили корҳои таълимӣ–методӣ пешниҳод манзур созад;

-ба ҳуҷҷатҳои ба кори таълим дахлдор имзо кунад;

-дар сурати набудани директор вазифаи вайро иҷро кунад.

**Ҷавоб медиҳад барои:**

-ҳолати корҳои таълимӣ, методӣ, иҷрои нақшаи барномаҳои таълимӣ;

-ташкили корҳо оид ба такмили ихтисоси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ;

-тақсимоти саривақтию дурустии сарбории омӯзгорон ва иҷрои он;

-сифати тайёрии мутахассисон ва нигаҳдории контингенти хонандагон.

## Дастурамали вазифавии ҷонишини директор оид ба корҳои маданӣ-маишӣ.

Ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои маданӣ-маишӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 3 сол бошад.

Ҷонишини директор оид ба кори маданӣ-маишӣ ташкилотчии бевоситаи фаъолияти корҳои тарбиявии муассисаи таълимӣ буда, тадбиққунандаи унсурҳои таркибии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб мешавад. Таҳти роҳбарии вай роҳбарони гурӯҳҳо, раисони комиссияҳои фаннӣ, мураббиёни хобгоҳ, навбатдорони

масъул, шӯрои занон, созмони ҷавонон, бунгоҳи тиббӣ ва аъзоёни таҳририяи газетаи даврии муассиса фаъолият мекунанд.

Ҷонишини директор оид ба корҳои маданӣ-маишӣ дар назди директори таълимгоҳ ҳисоботдиҳанда мебошад ва дар вақти набудани директор ба ҷонишини директор оид ба таълим итоат мекунад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Кори кабинету лабораторияҳо ва устохонаҳои таъимиро ташкил намуда, аз болои ҷиҳозонидани онҳо аз нуқтаи назари меъёри тарбия дар муассиса роҳбарӣ ва назорат мекунад;

-дар ҷаласаҳои назоратии таълимгоҳ иштирок мекунад;

-оид ба такмили раванди таълим, истифодаи методу усулҳои пешқадам, шакл ва воситаҳои тарбияи хонандагон чораҷӯӣ менамояд;

-фаъолияти эъҷодии хонандагонро дар шакли ташкили корҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо, семинарҳо, озмунҳо, конференсияҳо ташкил намуда, оид ба ҳавасмандгардонии онҳо ба роҳбарияти муассиса пешниҳод манзур месозад;

-ба кори семинари роҳбарони гурӯҳҳо роҳбарӣ мекунад;

-гузаронидани мусобиқаҳои варзиширо дар муассисаи таълимӣ ва байни дигар муассисаҳо ташкил мекунад;

-барои тамоми давраи соли хониш дурнамои корҳои сиёсӣ-тарбиявиро тартиб дода, иҷрои онро ташкилу назорат мекунад, инчунин иҷрои нақшаи корҳои тарбиявии солона, моҳона ва дигар нақшаҳоро, ки ба корҳои тарбиявӣ дахл доранд, таъмин менамояд;

-кори тарбиявии роҳбарони гурӯҳҳоро ташкил мекунад ва нақшаи кори онҳоро тасдиқ менамояд;

-навбатдориро мунтазам дар муассисаи таълимӣ, хобгоҳ аз ҳисоби хонандагони шӯъбаҳои рӯзона ташкил мекунад;

-ҷадвали соатҳои тарбиявиро муайян намуда, бо ҷонишин оид ба корҳои таълим мувофиқа карда, рафти иҷрои онро назорат мекунад ва дар ҷаласаи назди директории муассисаи таълимӣ ҳисобот медиҳад;

-таҷрибаи кори пешқадамро дар самти тарбия, омӯхта шаклу методҳои нави кори тарбиявиро ҷорӣ мекунад;

-давомот, риояи сару либоси хонандагонро назорат намуда, мунтазам дар ҷаласаҳои назди директор ҳисобот медиҳад;

- аз болои кори мураббиён дар хобгоҳ роҳбарӣ намуда, нақшаи кори онҳоро тасдиқ ва иҷрои онро назорат мекунад;

- иштироки хонандагонро дар чорабиниҳои фарҳангӣ таъмин менамояд;

- парвандаи хонандагони ятиму бепарасторро ташкил намуда, коргузориҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба роҳ мемонад ва ба маъмурият роҷеъ ба дастгириву ғамхорӣ нисбати чунин хонандагон дар давоми соли таҳсил пешниҳод манзур месозад;

- рӯйхати хонандагони душвортарбияро тартиб дода, бо онҳо корҳои алоҳидаи тарбиявӣ мебарад ва дар ҳолати зарурӣ ба шӯъбаи кор бо ноболиғон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ному насаби ин хонандагонро пешниҳод менамояд;

- бо падару модарони чунин хонандагон сӯҳбатҳо гузаронида, кори АВО-ро ҷоннок менамояд;

- рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъмин менамояд.

## Ҳуқуқ дорад:

-Ба директор дар бораи ҷо ба ҷогузории кадрҳо, мукофотонидани хонандагону омӯзгорон, кормандони хоҷагӣ ва истифодаи чораҳои интизомӣ таклифҳо пешниҳод кунад;

-аз болои кори ҳамаи шахсони ба ӯ тобеъ назорат ва аз онҳо иҷрои бевоситаи корҳои супоридашударо талаб менамояд;

-нақшаҳои корҳои тарбиявии гурӯҳҳои таълимиро назорат мекунад;

-ба директор оид ба такмили корҳои тарбиявӣ ва маданӣ-маишӣ таклифҳо пешниҳод мекунад;

-ба ҳуҷҷатҳои ба кори тарбиявӣ дахлдор имзо мегузорад.

## Ҷавоб медиҳад барои:

- Ҳолати корҳои тарбиявӣ;

-нақшаи корҳои роҳбарони гурӯҳ, созмони ҷавонон, шӯрои занон, кумитаи хонандагон, ҳолати хобгоҳ, бунгоҳи тиббӣ, корҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо, семинарҳо, маҳфилҳои фаннӣ, сифати кори навбатдорони масъул, баровардани рӯзномаҳо доир ба ҷашнҳо, сару либос, давомот, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ, назорати сифатнокии соатҳои тарбиявӣ;

-ҳолати интизоми хонандагон ва иҷрои нақшаи корҳои тарбиявӣ;

-дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ.

# Дастурамали вазифавии ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагӣ.

Ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагӣ ташкилотчии фаъолияти хоҷагӣ, молиявӣ ба шумор меравад. Тахти роҳбарии ӯ кормандони хоҷагии хизматрасон, боғбон, фаррош, посбон, устои барқ, сохтмончиён ва ғайра кор мекунанд. Ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагӣ дар назди директори таълимгоҳ ҳисоботдиҳанда мебошад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Барои хонандагон, омӯзгорон ва коргарон шароити мӯътадил фароҳам меорад;

-ҳолати мӯътадили иншоотҳои таълимӣ, манзилӣ, хоҷагӣ ва ҳавлии муассисаи таълимиро таъмин мекунад;

-роҳбариро аз болои сохтмон ва кормандони муассисаи таълимӣ амалӣ менамояд;

-муҳофизати таълимгоҳ ва моликияти дар он мавҷудбударо ташкил мекунад;

-таъминоти моддӣ-техникии муассисаи таълимӣ ва кори мӯътадили анборро таъмин менамояд;

-таъмири таълимгоҳ ва ҳамаи иншоотҳои онро ба нақша гирифта, смета тартиб медиҳад;

-истифодаи дурусти биноҳои таълимӣ ва хобгоҳро таъмин мекунад;

-нигаҳдорӣ ва истифодаи мавод ва дигар асбобҳоро таъмин мекунад;

-иншооти таълимӣ ва хобгоҳро барои фаъолияти мӯътадил дар шароити зимистон саривақт тайёр мекунад;

-оид ба хизматрасонии коммуналию техникӣ ба ҳамаи иншоотҳои таълимгоҳ сари вақт шартнома баста, аз болои иҷрои онҳо назорат мекунад;

-кадрҳои хоҷагиро интихоб мекунад;

-оид ба таъмини корҳои бехатарӣ ва бехатарии зиддисӯхтор чораҷӯиҳо ташкил мекунад.

## Ҳуқуқ дорад:

-Аз ҳамаи коркунони хоҷагӣ иҷрои аниқи ӯҳдадориашонро талаб кунад;

-оид ба беҳтаркунии фаъолияти хоҷагӣ ва молиявӣ ба директор таклифҳо пешниҳод намояд;

-оид ба қабул ва ё сабукдӯшкунии коркунони хоҷагӣ пешниҳод манзур созад;

-оид ба ҳавасмандкунӣ ва чораҳои маъмурӣ нисбат ба коркунони хоҷагӣ таклифҳо пешниҳод кунад;

-аз хонандагон ва тамоми кормандон риояи қоидаи дохилиро талаб кунад.

## Ҷавоб медиҳад барои:

-Муҳайё кардани шароити моддӣ ва маишӣ баҳри машғулият ва корҳо дар таълимгоҳ ва хобгоҳ;

-ташкили қисми кори коркунони қисми хоҷагӣ;

-тартибот ва ҳолати санитарӣ-гигиенӣ дар ҳамаи биноҳо ва ҳудуди таълимгоҳ;

-истифодаи дурусти маблағҳои сметавӣ;

-кори банақшадарории қисми хоҷагӣ;

-кори анбор ва тақсимоти дурусту харҷи воситаҳои моддӣ;

-риояи бехатарии зидди сӯхтор.

## Дастурамали вазифавии мудири шӯъбаи рӯзона.

Мудири шӯъбаи рӯзона ташкилотчии раванди таълиму тарбия дар шӯъбаҳои рӯзона маҳсуб меёбад.

Таҳти роҳбарии ӯ муаллимон ва роҳбарони гурӯҳҳо кор мекунанд.

Мудири шӯъбаи рӯзона аз болои корҳои таълимӣ- тарбиявӣ дар гурӯҳҳо ва иҷрои ҷадвали машғулиятҳо аз тарафи муаллимон назорат мекунад.

Ба директори техникум ва ҷонишини ӯ оид ба корҳои таълиму-тарбия итоат мекунад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

- Ба корҳои таълимӣ – тарбиявии шӯъба роҳбарӣ мекунад;
- ичрои нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо гузориши хуби дарсҳо, корҳои курсӣ ва лоиҳаи дипломиро ташкил ва назорат мекунад;
- ташвиқоти ихтисосҳо, ичрои нақшаи қабул, хатми мутахассисон в гузаронидани имтиҳони қабулро ташкил ва назорат мекунад;
- тачрибаи пешқадами роҳбарони гурӯҳҳо, муаллимон ва устоҳои таълими истеҳсолиро чамъбаст ва паҳн мекунад;
- чиҳати нақша даровардани дурнамои тайёркунии мутахассисон иштирок менамояд;
- ба ҳисобгири дарачаи донишомӯзии донишчӯёнро дар шӯъба ташкил мекунад;
- сифати таълимро назорат менамояд;
- дар тайёр кардани мавод ба Шӯрои муҳандисӣ-омӯзгорӣ иштирок мекунад;
- ҳисоботи корҳои таълимӣ– тарбиявӣ ва методиро тартиб медиҳад;
- ҳисоботи роҳбарони гурӯҳ ва лабарантҳоро қабул менамояд;
- навбатдориро дар гурӯҳҳо ва ҳолати риояи қоидаҳоро дар аудиторияҳо ташкилу назорат мекунад;
- пеш аз навбатдорӣ роҳбарони гурӯҳ ва фаъолони гурӯҳро бо қоидаҳои навбатдорӣ шинос мекунад;
- дарсҳои иловагӣ, кансултатсияҳоро ташкил ва назорат менамояд;
- дар чамъбасти мусобиқаҳо ба фаъолон ёрӣ расонида, баррасии онро таъмин мекунад;
- маводҳоро барои пешниҳод ба комисияи идрор тайёр мекунад;
- аз болои рафти тачрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии хонандагон назорат мекунад;
- аз болои ҳолати интизоми хонандагон назорат мекунад;
- аз болои ҳолати журналҳои гурӯҳӣ назорат менамояд;
- бо хатмкунандагони муассисаи таълимӣ алоқа бақарор менамояд;
- дар кори комиссияи атетсатсионӣ иштирок мекунад;
- дар кори чаласаи назоратӣ ширкат меварзад;
- оид ба шӯъбаҳо ҳисоботҳоро бо формаи 2-НК-тартиб медиҳад;
- ҳаёту шароити маишии хонандагонро назорат мекунад;
- бо волидон алоқа барпо менамояд;
- ба кори Шӯрои волидони шӯъба роҳбарӣ мекунад;
- кори гурӯҳҳо ва кумитаи хонандагонро сарварӣ мекунад;
- ҳуччатгузориро дар шӯъба ба расмият медорорад;
- фаъолияти эчодии хонандагонро ташкил мекунад;
- дар шӯъбаи рӯзона чадвали машғулиятҳоро тартиб дода, ичрои онро назорат мекунад;
- дар тартибдиҳии нақшаҳои кории таълиму тарбиявии муассисаи таълимӣ иштирок мекунад.

**Ҳуқуқ дорад:**

-дарсҳои муаллимонро назорат кунад, оид ба беҳтаршавии сифати онҳо дастуру супоришҳо диҳад;

-ба директори муассисаи таълимӣ дар бобати мукофотонидан ва дидани чораҳои интизомӣ оид ба рафтору кирдори хонандагон, роҳбарони гурӯҳҳо, муаллимон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ таклиф пешниҳод кунад;

-дар ҳолати зарурӣ ивази дарсҳоро дар ҳамин шӯъба ташкил кунад;

-оид ба хориҷ ва гузаронидани хонандагон ба курси дигар, таъини онҳо ба идрор таклиф пешниҳод мекунад.

**Ҷавоб медиҳад барои:**

-ҳолати донишомӯзӣ ва интизом дар шӯъба ва корҳои таълиму тарбия;

-саривақт ва дуруст тартиб додани пешниҳоди ҳуҷҷатҳои таълимӣ;

-таъмини иҷрои нақшаи давлати қабул ва хатми мутахассисон;

-гузоришу нигаҳдории парвандаҳои шахсии хонандагон ва дигар ҳуҷҷатҳо.

## Дастурамали вазифавии мудири шӯъбаи ғоибона

Мудири шӯъбаи ғоибона ташкилотчии бевоситаи раванди таълиму тарбия дар шӯъбаи ғоибона мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ раисони комиссияҳои фаннӣ-силсилавӣ ва муаллимон, ки дар шӯъба кор мекунанд, фаъолият менамоянд. Ба ӯ методисти шӯъба ва ҳайати коркунони техникии шӯъбаи ғоибона итоат мекунанд.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

- дар шӯъба корҳои таълимӣ-тарбиявиро ташкил ва ба он роҳбарӣ мекунад;
- иҷрои нақшаю барномаҳои таълимиро таъмин менамояд;
- ҷадвали машғулиятҳоро тартиб дода, иҷрои онҳоро назорат мекунад;
- маводро барои Шӯрои омӯзгорӣ тайёр менамояд;
- консултатсияҳо, баромадҳои умумӣ, барқароркунӣ ва сесияҳои озмоишӣ – имтиҳониро ташкил мекунад;
- бо корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад;
- хонандагонро ба адабиёти таълимӣ-методии зарурӣ таъмин мекунад.
- ҳисоботи дарсазхудкунии хонандагонро тайёр мекунад;
- кори шӯъбаро ба ҳисоб гирифта, оид ба он ҳисоботро бо формаи муқараргардидаи 2-НК пешниҳод менамояд;
- дар кори ҷаласаи назоратӣ иштирок мекунад;
- тақризнависиро ба корҳои санҷишӣ ташкил мекунад;
- оид ба нақшадарории соатҳо барои сарбории омӯзгорӣ дар шӯъба кор мекунад;
- дар кори комиссияи тарификатсионӣ иштирок мекунад;
- аз болои интизому тартиботи хонандагон назорат менамояд;

- аз болои таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ва лоиҳаи дипломӣ назорати умумӣ карда, дар ҷадвал рафти иҷрошавиро қайд мекунад;
- бо корҳои таъйёрӣ ба қабули нав иштирок мекунад, аз болои имтиҳоноти қабули дохилшавандагон ба шӯъбаи ғоибона бо назардошти ҷои кори дохилшаванда дар ҳамин соҳа назорат мекунад;
- аз болои сифати дарсҳо назорат мекунад;
- дар охири соли хониш ҷиҳати азхудкунии фанҳои таълимӣ дар ҳамаи гурӯҳҳои шӯъбаи ғоибона барои аз як курс ба курси дигар гузаронидан ба маъмурият пешниҳоднома манзур месозад.

## Ҳуқуқ дорад:

-Ба директори муассисаи таълимӣ дар бораи мукофотонӣ ва додани ҷазоҳои интизомӣ ба хонандагон, муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва ҳайати коргарони шӯъба таклиф пешниҳод кунад;

-кори раисони комисияҳои фаннӣ ва шахсонеро, ки дар шӯъба кор мекунанд, назорат кунад.

-нақшаи кори методисти шӯъба ва нақшаҳои тақвимии муаллимони шӯъбаро таҳлил ва тасдиқ мекунад;

-оид ба хориҷ, қабулкунӣ ва гузаронидани хонандагон аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар ё ба муассисаи таълимии дигар таклиф пешниҳод менамояд.

## Ҷавоб медиҳад барои:

-Ҳолати корҳои таълимӣ- тарбиявӣ, методӣ, дарсазхудкунии хонандагон дар шӯъба.

-саривақт ва дуруст тартиб додан ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои муқарраршуда.

-иҷрои аниқи нақша ва барномаҳои таълимӣ ва реҷаҳо.

-ҳолати интизом ва тартибот дар шӯъба.

## Дастурамали вазифавии сармуҳосиб:

Ба вазифаи сармуҳосиб шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти на камтар аз миёнаи касбӣ ва собиқаи кории касбии на камтар аз 3 сол бошад.

Сармуҳосиби муассиси таълимӣ бевосита ба роҳбари муассиса итоат намуда, ҷиҳати кори ташкили сиёсати баҳисобгирӣ, пешбурди баҳисобгирии меҳнатӣ, саривақт, пурра ва ба таври боэътимод пешниҳод кардани ҳисоботи муҳосиботӣ масъул аст.

Сармуҳосиб мувофиқат кардани муомилоти хоҷагиро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, аз болои ҳаракати амвол ва иҷрои ӯҳдадориҳо назорат мебарад.

Талаботи сармуҳосиб дар бораи ба расмият даровардани муомилоти хоҷагӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои лозимӣ ва маълумотҳо барои ҳамаи кормандони муассиса ҳатмист.

Ҳуҷҷатҳои пулӣ ва ҳисобу китоб, ӯҳдадориҳои молиявӣ ва қарзӣ бе имзои сармуҳосиб ғайриқонунӣ ба ҳисоб мераванд.

Таъин ва озод намудан, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани ашхоси масъули молии муассиса дар мувофиқат бо сармуҳосиб сурат мегирад.

Ҳангоми аз вазифа озод кардани сармуҳосиб ҳуҷҷатҳо ба сармуҳосиби навтаъиншуда супорида шуда, дар раванди он ҳолати баҳисобгирии муҳосиботӣ боэътимодии нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ тафтиш карда шуда, соқитномаи дахлдор тартиб дода мешавад ва онро роҳбари муссисаи таълимӣ тасдиқ мекунад.

## ВАЗИФАИ ОМӮЗГОРОН

**Қоидаҳои умумӣ:**

Омӯзгорон қувваи асосии таъминкунандаи раванди таълим буда, дар ташакулли мутахассисони дорои маълумоти ибтидоии касбӣ ҳиссагузор мебошанд. Ҳамеша дар пешбурди фаъолияти худ барои баланд бардоштани сифати дониш кӯшиш намуда, роҳу усулҳои муосири гузаронидани дарсҳои назариявӣ, амалӣ ва озмоиширо ҷустуҷӯ менамоянд. Омӯзгорон бевосита ба раиси комиссияи фаннӣ, ба ҷонишини директор оид ба таълиму тарбия итоат мекунанд.

### Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Дар сатҳи баланди методӣ ва илмӣ гузаронидани машғулиятҳои таҳлилӣ ва таҷрибаомӯзӣ;

-мунтазам баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсӣ, касбӣ, тахассусӣ ва такмили ихтисос;

-дар байни хонандагон, падару модарон ва дигар аҳли ҷамоатчигӣ паҳн намудани донишҳои сиёсӣ ва илмӣ;

-сари вақт пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ.

**Ҳуқуқ дорад:**

-Истифодаи озмоишгоҳҳо, кабинетҳо, китобхона, устохонаҳои таълимӣ ва таҷҳизоти таълимӣ;

-иштирок дар Шӯрои муҳандисӣ -омӯзгорӣ ва муҳокимаҳо, машварати комиссияҳои фаннӣ оид ба масъалаҳои кори таълимгоҳ;

-пешниҳод ҷиҳати беҳбудии корҳои таълиму тарбия дар таълимгоҳ;

-пешниҳод оид ба мукофотонидан ва ҷораи интизомӣ дидан нисбат ба хонандагон.

### Ӯҳдардор аст барои:

- иҷрои босифати нақшаю барномаҳои таълимӣ ва ҷадвали дасрҳо;
- системанок баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати касбӣ;
- саривақт омода намудани ҳуҷҷатҳои таълимӣ;
- ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намудан дар ҷараёни дарс.

### Дастурамали вазифавии роҳбари гурӯҳ:

Роҳбари гурӯҳ бо фармони директор ба тамоми давраи таҳсил аз ҳисоби устоҳои таълими истеҳсолӣ таъйин карда мешавад. Ба ӯ вазифаи муҳими ташкилию роҳбарӣ ба кори таълиму тарбия дар гурӯҳи таълимӣ

таалluқ дорад. Роҳбари гурӯҳ бевосита ба ташкилу тарбияи хонандагон ҷавобгар аст.

Роҳбари гурӯҳ бевосита ба ҷонишинони директори таълимгоҳ оид ба корҳои таълиму корҳои маданӣ-маишӣ итоат карда, ба онҳо ҳисобот медиҳад ва дар ҳамкории зич омӯзгорон, мураббиёни хобгоҳ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ кор мекунад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Муносибати комплекси тарбияи меҳнатию ахлоқии хонандагонро амалӣ намуда, ҳиссиёти муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ниёгонро инкишоф медиҳад, мавқеи фаъоли ҳаётиро ташаккул дода, тайёрӣ ба муҳофизати Ватанро тарбия мекунад;

-оид ба такмили тайёркунии мутахасисон барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ кор мебарад;

-дар замири хонандагон муносибати бошууронаро нисбат ба таълиму тарбия, меҳнат, муҳаббат ба ихтисоси интихобкарда, муносибати эҳтиёткорона ба моликият ва ба муассисаи таълимӣ тарбия мекунад;

-шавқу ҳаваси хонандагон, шуғл ва талабот, муносибати тарафайни дар оила ва гурӯҳ бо мақсади муттаҳидкунӣ дар ҷомеа, ташкилу тарбияи фаъолон, инкишофи ташаббуси хонандагон ва худидоракунии онҳоро ҳаматарафа ва аниқ меомӯзад;

-дар ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявии хонандагон ҳисса мегузорад;

-машғулиятҳои сиёсӣ, ахборот ва озмунҳои эҷодиро, ки таҳти роҳбарии омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ, ихтисосӣ, умумӣ, баргузор мегарданд, ташкил мекунад;

-ба фаъолияти гурӯҳҳо дар ташкили озмунҳои фаннӣ ва озмунҳо доир ба ихтисос, ҷалби хонандагон ба корҳои эҷодӣ, таҷрибавӣ сексияҳои варзишӣ мадад мерасонад;

- ба баланд бардоштани сатҳи маданию маънавии хонандагон кӯмак мекунад;

-сабабҳои қафомонии хонандагонро ба дарсҳо муайян карда, дар ҳолати мушкилӣ ба онҳо кӯмак мерасонад;

-бо падару модар, волидону мураббиёни хонандагон алоқаи доимӣ барқарор мекунад;

-ба ҷойи истиқоматии хонандагон ташриф меорад;

- оид ба беҳтарсозии шароити маишӣ ва саломатии хонандагон ғамхорӣ намуда, ба онҳо дар ташкили кори мустақилона ва истироҳати маишӣ ёрии зарурӣ мерасонад;

-ҳуҷҷатҳои зарурири ба расмият даровarда, дар рӯзнома корҳои таълимӣ ва тарбиявии гузаронидашударо қайд мекунад. Ба хонандагони гурӯҳ тавсифномаҳо тартиб медиҳад.

## Ҳуқуқ дорад:

- дар дарсҳои таълимӣ, имтиҳон ва дигар чорабиниҳои хонандагон иштирок намояд;

- ба директор ва Шӯрои омӯзгорони таълимгоҳ дар бораи мукофотонии хонандагони фаъол, тавсияи хатмкунандагон барои давом додани таҳсил дар мактабҳои олӣ, дидани чораҳои интизомӣ таклифҳо пешниҳод намояд;

-дар ҳолати зарурият пеш омадан дар кори комиссияҳои идрорӣ ва тақсимоти мутахассисони ҷавон иштирок кунад;

-ба маъмурият, Шӯрои муҳандисӣ-омӯзгорӣ ва иттиҳодияҳои методии роҳбарони гурӯҳҳо ҷиҳати беҳ намудани раванди таълиму тарбия таклиф пешниҳод намояд.

## Дастурамали вазифавии мудири китобхона

Мудири китобхона барои ташкили кори он, нигоҳдории фонди китобҳо ва иҷрои нақшаи кори муассисаи таълимӣ ҷавоб медиҳад.

Ӯ ба директори таълимгоҳ итоат менамояд. Вай дар асоси нақшаҳои аз тарафи директор тасдиқшуда кор мекунад.

### Ӯҳдадориҳои асосӣ:

- Тартиб додани нақшаи моҳонаи кори китобхона (дар асоси нақшаи солона) ва ташкили иҷрои он;

- ғанӣ гардонидани фонди китобхона;

- ташкил намудани вохӯриҳо бо намояндагони илму фарҳангу ададбиёт, намоиши китобҳо, конференсияи хонандагону муаллимон, таҳияи газетаҳои деворӣ вобаста ба ҷашну чорабиниҳои гуногун;

-ташкил ва нигоҳдории ҳисоботи фонди китобхона;

-ба мақомоти болоӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ;

-иштирок дар Шӯроҳои мӯҳандисӣ-омӯзгорӣ ва пешниҳоди таклифу дархост барои пшравии кори китобхона;

-таъмини хизматрасонӣ ба хонандагону кормандон оид ба адабиёти зарурӣ;

-ташкили кори фаъолони китобхона;

-таъмини коркарди адабиётҳо;

-ташкили карточкаҳои босифати аъзогӣ;

-мутобиқ ба талабот нигоҳ доштани ҳолати санитарӣ-гигиенӣ.

### Ҳуқуқ дорад:

-Ба китобхона саривақт супоридани китобҳоро назорат кунад.

## Мудири (нозири) шӯъбаи кадрҳо

Шӯъбаи кадрҳо яке аз бахшҳои муҳими муассисаҳои таълимӣ маҳсуб шуда, қонунгузории меҳнатӣ, фармону нишондоди директорро сармашқи фаъолияти худ қарор медиҳад.

Мудири (нозири) кадрҳо шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ бошад. Дар кори худ Кодекси қонун дар бораи меҳнат, дастурҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури директори таълимгоҳро ба роҳбарӣ мегирад. Нозири кадр дар назди директор ҳисоботдиҳанда мебошад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Ҳисоботи ҳайати шахсии коркунонро мебарад;

-ҳуҷҷатҳоро оид ба қабул, ҷойивазкунӣ, аз кор озодкунии кормандони таълимгоҳ ба расмият медарорад;

-дар охири ҳар моҳ табели муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва дигар кормандонро барои гирифтани музди меҳнат тартиб медиҳад;

-барои ба нафақа баромадани кормандони муассиса ҳуҷҷатҳои зарурирo омода месозад;

-мувофиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дараҷаи маъюбӣ барои муайян намудани фоизи маъюбпулӣ аз буҷаи давлат ва музди меҳнати кормандон мусоидат мекунад;

- парвандаҳои шахсии омӯзгорон, хонандагон, коркунони хоҷагиро тибқи талабот ба тартиб медарорад;

- дафтарчаҳои меҳнатии кормандонро тибқи талабот пур мекунад ва нигоҳ медорад;

- парвандаҳои шахсии коркунонро ба расмият медарорад;

- рухсатиҳои меҳнатиро ба расмият дароварда, аз болои онҳо назорат мебарад;

- ба кормандон маълумотномаҳои зарурӣ медиҳад;

- бо супориши директор ҳуҷҷатҳои мукофотонидани кормандони таълимгоҳро ба расмият медарорад;

- протоколи ҷаласаи назоратиро қайд мекунад ва шахсони масъулро барои иҷро вазифадор мекунад;

- ҳуҷҷатҳои ба таълимгоҳ воридшуда ва содиршударо (мактубҳо, тавсияҳо, дархостҳо, пешниҳодҳо ва ғ.) дар дафтари махсус ба қайд мегирад;

-бо комиссарияти ҳарбӣ ҷиҳати даъват ба сафи армия ҳамкорӣ мекунад.

## Ҳуқуқ дорад:

-Аз ҳар як хонандаю корманд пешниҳоди ҳуҷҷату маълумоти зарурирo талаб кунад;

- ба дафтарчаи меҳнатӣ имзо гузорад.

## Ҷавоб медиҳад барои:

- дуруст пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ ва бурдани ҳисобот;

- барои дуруст таҳия намудани фармон ва назорати саривақтии онҳо;

- барои сари вақт пешниҳод намудани ҳисобот оид ба кадрҳо мувофиқи талаботи мақомотҳои болоӣ.

## Дастурамали вазифавии методист.

Методисти муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳамчун мутахассис аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Ба вазифаи методист шахсе таъйин карда мешавад, ки маълумоти олии касбӣ, собиқаи кории аз 2 то 5 сол ва дараҷаи тахассусӣ дошта бошад.

Таъйин ва аз вазифа озод намудани методист бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад.

### Ӯҳдадориҳо:

- Корҳои методии муассисаи таълимӣ ва кабинетҳои таълимӣ-методиро ташкил мекунад ва ба танзим медарорад;

-вазъи корҳои таълимӣ-методӣ ва тарбиявиро таҳлил намуда, барои беҳ намудани сатҳи кор дар ин самт пешниҳод таҳия менамояд;

-дар муайян намудани мундариҷа, шакл, метод ва маводи таълим ба кормандони педагогӣ кӯмак мерасонад;

-дар таҳияи маводи методӣ ва иттилоотӣ, таҳлил ва ба нақшагирии бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси роҳбарият ва мутахассисони муассисаи таълимӣ иштирок менамояд;

-нақша ва барномаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ-мавзӯии фанҳои ва курсҳои таълимиро таҳия менамояд;

- таҳияи маводи таълимӣ -методӣ, маводи дидактикӣ, аёният, номгӯи таҷҳизоти таълимиро ташкил менамояд;

- натиҷаи корҳои экспереметалии муассисаи таълимиро таҳлил ва ҷамъбаст менамояд;

- барои ҷорӣ намудани таҷрибаи намунавии роҳбарият ва мутахассисони муассиса чораҷӯӣ мекунад;

- кори иттиҳодияҳои методии кормандони педагогиро ташкил ва роҳбарӣ мекунад;

- оид ба гузаронидани озмунҳо, намоишгоҳҳо, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ-методӣ маводи заруриро таҳия мекунад;

- ба кормандони педагогӣ ҷиҳати фаъолияти касбӣ кӯмаки назариявӣ ва амалӣ мерасонад;

- дар ташкили такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони муассисаи таълимӣ иштирок мекунад;

- корро дар самти таъмини илмию методии мундариҷаи таҳсилот ба роҳ мемонад;

- дар таҳияи нақшаи дурнамои нашри китобҳои дарсӣ, маводи таълимию методӣ ва интихоби муаллифони онҳо иштирок мекунад;

- ба муаллифон ҷиҳати омода намудани маводи нашр кӯмак мерасонад;

- оид ба нашри маводи таълимӣ-методӣ иттилоъ дода, барои беҳ шудани сифати таълим, ҷорӣ намудани методҳои муосири таълим, инчунин ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дар самти фаъолияти муассисаи таълимӣ,

норасоии маводи видеоӣ ва дигар маводи таълим ба директори муассиса пешниҳод манзур месозад;

-оид ба технологияи таълими пешқадам ва тарбияи таҷрибаи ватанию ҷаҳонӣ ахборот медиҳад.

## Ҳуқуқ дорад:

- Бо лоиҳаи қарорҳои роҳбарияти муассиса, ки ба фаъолияти ӯ тааллуқ доранд, шинос шавад;
- ба баррасии роҳбарияти муассиса оид ба масъалаҳои методӣ ва беҳтар намудани фаъолияти методии муассиса, оид ба фаъолияти сусти кормандони муассиса эрод гирифта, барои бартараф намудани камбудию норасоиҳо пешниҳод манзур созад;
- бо дастури роҳбарият ё ки шахсан аз муассисаҳои соҳавӣ ва мутахассисон барои иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавиаш мавод ва итилооти заруриро дархост намояд;
- аз роҳбарияти муассиса барои иҷрои ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои вазифавиаш мусоидат намуданро талаб намояд.

## Ҷавоб медиҳад барои:

- иҷро накардани ӯҳдадориҳои вазифавӣ;

-қонунвайронкунӣ дар рафти фаъолияти корӣ (дар доираи талаботи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- расонидани зарари молиявӣ (дар доираи талаботи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## Дастурамали вазифавии сарусто

Ба вазифаи сарусто шахсе таъйин карда мешавад, ки маълумоти олии касбӣ ва собиқаи кории тахассусии на камтар аз 2 сол, ё маълумоти миёнаи касбӣ ва собиқаи кории тахассусии на камтар аз 5 сол дошта бошад. Сарусто бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ ба кор таъйин ва аз кор озод карда мешавад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

- Ба дарсҳои амалӣ ва фаъолияти итстеҳсолии хонандагон аз рӯи тахассуси омӯхташаванда роҳбарӣ мекунад;
- дар раванди касбинтихобкунии хонандагон иштирок мекунад;
- ба фаъолияти устоҳои таълими истеҳсолӣ роҳбарӣ мекунад;
- дастрасии мавод ва таҷҳизоти заруриро барои раванди таълим ташкил мекунад;
- барои таъминоти саривақтии хонандагон бо таҷҳизот, дастгоҳ, мавод ва воситаҳои таълимӣ чораҷӯӣ мекунад;
- риояи бехатарии меҳнат, инчунин аз худкардани методҳои пешқадами таълим, техника ва технологияи муосири истеҳсолотро аз ҷониби хонандагон таъмин менамояд;

- тайёрии корҳои амалӣ ва дараҷаи омодагии тахассусии хонандагонро тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад;

- дар фаъолияти муассисаи таълимӣ дар самти ҷалби сарчашмаҳои иловагии молиявӣ барои омода намудани маҳсулоти босифат ва расонидани ёрӣ ба аҳолӣ иштирок мекунад;

- дар бастани шартномаҳо барои гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ширкат меварзад ва рафти иҷрои онро назорат мекунад;

- омодагии хонандагонро барои иҷрои корҳои тахассусӣ ва супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ таъмин мекунад;

- дар фаъолияти комиссияҳои фаннӣ, иттиҳодияҳои методӣ, конференсия ва семинарҳо иштирок мекунад;

- ба рушди таҳсилоти умумӣ, касбӣ ва фарҳангии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро ба эҷодиёти техникӣ ҷалб менамояд;

- қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зидди сӯхторро иҷро мекунад.

## Ҳуқуқ дорад:

- Ба таъмин таъмин шудан бо кор дар асоси шартномаи меҳнатӣ;
- ба таъмин шудан бо утоқи кории ҷавобгӯ ба талаботи меъёрии ҳифзи меҳнат ва шароити хуби корӣ дар асоси шартномаи коллективӣ;
- ба гирифтани иттилооти пурра ва муфассал дар бораи шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ҷойи кор;
- ба гирифтани такмили ихтисос ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ тибқи тартибот;
- ба дастрасии мавод ва ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти ӯ тааллуқдошта, инчунин шиносоӣ бо лоиҳаи қарорҳои роҳбарияти муассисаи таълимӣ;
- ба ҳамкорӣ бо корфармо барои ҳалли масъалаҳои фаврии ба фаъолияти касбии вай тааллуқдошта;
- пешниҳоди баррасии масъалаҳои ба фаъолияти ӯ тааллуқдошта ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ;
- ба талаб кардани мусоидати корфармо дар иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии худ.

## Ҷавоб медиҳад барои:

- иҷро накардани ӯҳдадориҳои вазифавии худ дар асоси талаботи қонунгузории ҷорӣ;
- риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва дастур оид ба ҳифзи меҳнат;
- чораҷӯӣ накардан ҳангоми муайян гардидани норасоии қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор, ки ба фаъолияти корфармо ва кормандони ӯ таҳдид мекунад;
- қонунвайронкунӣ дар раванди фаъолият;
- ба норасоии молиявӣ роҳ додан.

## **Дастурамали вазифавии устои таълими истеҳсолӣ.**

Устои таълими истеҳсолӣ бо фармоиши директор ба кор таъйин ва аз кор озод карда мешавад. Дар фаъолияти худ тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, аз ҷумла дастурамали зеринро ба роҳбарӣ мегирад. Устои таълими истеҳсолӣ бевосита ба сарустои муассисаи таълимӣ итоат мекунад. Устои таълими истеҳсолӣ бояд маълумоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ дошта бошад.

## Ӯҳдадориҳои асосӣ:

- Ташкили таҷрибаомӯзии босифат, таълими истеҳсолӣ аз рӯи ихтисосҳо тибқи талаботи стандартҳои таълимӣ;
- дар хонандагон тарбия ва таъмин намудани раҳнамои касбӣ;
- ҳифзи ҳаёт ва саломатии хонандагон;
- иҷрои Оинномаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, талаботи тартиботи меҳнати дохилӣ, эҳтиёт намудани молу мулки муассисаи таълимӣ;
- гузаронидани дарсҳои амалӣ ва кори таълимӣ-истеҳсолии тахассусӣ;
- иштирок дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ва раҳнамоии касбии хонандагон бо истифода аз технологияи муосири таълим, аз ҷумлаи технологияи иттилоотӣ ва рақамии сарчашмаҳо;
- гузаронидани дарсҳои таълимӣ бо истифода аз дастовардҳои илмии педагогӣ ва психологӣ, инчунин технологияи иттилоотии муосир;
- омода намудани таҷҳизот ва асбобу анҷоми мувофиқ барои таълими истеҳсолӣ;
- такмил додани заминаи моддӣ- таълимии ихтисосҳо;
- роҳбарӣ намудан ба гараж, таъмин намудани устохонаҳои таълимӣ, кабинету лабораторияҳо ва онҳоро бо таҷҳизот, аёният, қисмҳои эҳтиётӣ ва маводи таълим;
- таъмин намудани риояи талаботи бехатарии меҳнат, омӯзонидани хонандагон бо усулҳои пешқадами меҳнат, техника ва технологияи муосири истеҳсолот;
- назорат намудани иҷрои корҳои амалӣ, инчунин тайёр намудани маҳсулоти босифат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ;
- иштирок дар бастани шартнома бо корхона ва ташкилотҳои истеҳсолӣ ҷиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагон ва назорат аз болои иҷрои онҳо;
- таъмин омодагии хонандагон барои иҷрои корҳои тахассусӣ ва супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ;
- иштирок дар фаъолияти комиссияҳои фаннӣ, иттиҳодияҳои методӣ, конференсия ва семинарҳо;
- иштирок дар ташкил ва гузаронидани маҷлиси падару модарон, чорабиниҳои солимгардонӣ ва дигар чорабиниҳои тарбиявӣ;
- мусоидат ба рушди таҳсилоти касбӣ ва фарҳангии хонандагон ва ҷалби онҳо ба эҷодиёти техникӣ;
- таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии хонандагон дар раванди таълим;
- иҷрои қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зидди сӯхтор;

- назорати ҳуқуқу озодиҳои хонандагон;

- риояи интизоми меҳнат, реҷаи иштирок ба дарсҳо, эҳтироми қадру қиммати инсон, шараф ва обрӯи хонандагон;

-таъмини назорат ва арзёбии натиҷаи фаъолияти касбӣ бо истифода аз воситаҳои муосири технологияҳои итилоотӣ-комуникатсионии муосир;

-пешниҳод барои беҳ намудани раванди таълим дар муассисаи таълимӣ;

-ҷорӣ намудани алоқа бо падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда;

-таҳияи барномаҳои меҳнатии фаъолияти истеҳсолӣ тибқи қонунгузории ҷорӣ;

- таъмини тарбияи хонандагон дар дарсҳо ва берун дарс бо ҷорӣ намудани рӯзномаи назоратӣ;

- ҷавобгарӣ барои таъмини пурраи иҷрои барнома ва нақшаҳои фаъолияти истеҳсолӣ тибқи ҷадвали дарсӣ, инчунин сифати омода намудани хатмкунандагон;

- таъмини босифати журнали фаъолияти истеҳсолӣ;

- таъмини назорати зисти хонандагон дар хобгоҳ, ҳуҷраҳои иҷоравӣ, инчунин назорат аз болои рафтору кирдори онҳо;

-назорати ҳамарӯзаи давомот ва интизоми хонандагон ҳангоми танаффус;

- таъмин намудани хӯроки хонандагон дар ошхона;

- таъмини стипендияи хонандагон;

- таъмини навбатдорӣ дар ошхона ва устохонаҳои таълимӣ;

- назорат аз болои тоза намудани гирду атрофи таълимгоҳ;

- таъмини иштироки гурӯҳҳои таълимӣ дар дастаҳои ҳаваскорони бадеӣ, озмун, мусобиқа ва фестевалҳо.

### Ҳуқуқ дорад:

- нишон додани ташаббус интихоби озод ва истифодаи методҳои таълиму тарбия, мавод ва таҷҳизоти таълим ва методҳои баҳогузорӣ ба донишу малакаи хонандагон;

- рухсатии дарозмуддати меҳнатӣ бо гирифтани музди меҳнат;

- иштирок дар идораи муассисаи таълимӣ тибқи нишондоди Оинномаи муассиса;

- иштирок дар кори Шӯрои муҳандисӣ-омӯзгорӣ;

- ҳифзи шаъну шарафи касбими худ;

- шиносоӣ бо аризаҳои шикоятӣ ва ҷавоб ба онҳо;

- такмили ихтисос;

- гузаштани аттестатсия ва дарёфти дараҷаи тахассусӣ.

Ҷавоб медиҳад барои:

- беасос иҷро накардани Оинномаи муассиса ва қоидаҳои меҳнати дохилитаълимгоҳӣ, талаботи асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ӯҳдадориҳои вазифавӣ;

- дағалона вайрон кардани ӯҳдадориҳои меҳнатӣ;

- истифодаи чандинкаратаи методҳои тарбия бо истифода аз фишори ҷисмонӣ ва рӯҳӣ дар шахсияти хонандагон;

- рафтори ғайриахлоқӣ;

- риоя накардани қоидаҳои зидди сӯхтор, ҳифзи меҳнат ва ҳолати гигиенӣ- санитарии муассисаи таълимӣ;

- расонидани зарари моддию маънавӣ ба хонандагон ва муассисаи таълимӣ.

## Дастурамали вазифавии ҳуқуқшинос:

Ба номгӯи вазифаҳои хизатии ҳуқуқшинос дохил мешаванд:

- Иштирок дар таҳияи Низомномаи муассисаи таълимӣ;
- иштирок дар таҳияи қоидаҳои фаъолияти дохилии муассисаи таълимӣ;
- иштирок дар таҳияи низомномаҳо, дастурамалҳо оид ба қисмҳои сохтории таълимгоҳ;
- бо қонунҳои амалкунанда муайян кардани мувофиқати фармону супоришҳо, қарорҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар муассисаи таълимӣ бароварда мешаванд;

-расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шӯъбаҳои муассисаи таълимӣ, тайёр намудани ҳуҷҷатҳои даъвоӣ аз номи муассиса ба судҳо, иштирок дар маҷлисҳои судӣ;

-дар мувофиқа бо Иттифоқи касаба таҳия намудани қарордоди меҳнатӣ;

**Дастурамали вазифавии**
**мудири анбор**

Мудири анбор ба ҷонишини директор оид ба қисми маъмурӣ-хоҷагӣ итоат мекунад.

### Ӯҳдадориҳои асосӣ:

-Маводи ба анбор дохилшавандаро қабул мекунад;

-аз анбор мавод медиҳад;

-барои маводи анбор талабнома қабул мекунад;

-ба муҳосибот сари вакт ҳисобот пешниҳод менамояд;

-қабулу харҷи маводи анборро мунтаззам ба ҳисоб мегирад.

### Ҳуқуқ дорад:

- Ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳоро доир ба қабулу супоридани боигариҳои моддӣ талаб намояд;
- дар назди директор оид ба беҳтарсозии кори анбор масъала гузорад.

### Ҷавоб медиҳад барои:

-Нигаҳдории пурраи маводи дар анбор мавҷудбуда;

-Дурустии қоидаи супоридан ва ба расмият даровардани маводи анбор

**Дастурамали вазифавии коменданти хобгоҳ**

Коменданти хобгоҳ ба ҷонишини директор оид ба қисми маъмурӣ-хоҷагӣ итоат карда, якҷоя бо мураббии хобгоҳ кор мекунад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-Таъмини шароити мӯътадили ҳаёту машғулият барои хонандагон дар хобгоҳ;

-ташкили кори ҳайати хизматрасон;

-ҷо ба ҷо намудани хонандагон ва назорат аз болои онҳо ҷиҳати иҷрои талаботи қоидаҳои тартиботи дохилӣ.

**Ҳуқуқ дорад:**

-Ба директор оид ба масъалаи беҳтарсозии кори хобгоҳ масъала дархост пешниҳод намояд;

-дар кори Шӯрои хобгоҳ иштирок кунад;

- бо ҳамроҳии мураббиён хонандагонро дар хобгоҳ ҷойгир кунад;

-доир ба масъалаи аз хобгоҳ рондани хонандагон масъала гузорад.

**Ҷавоб медиҳад барои:**

- Ҳолати хобгоҳ;
- таъминоти моддии хобгоҳ;
- тартиботу интизом дар хобгоҳ.